# ТАҚРИЗ

**ба автореферати Исматдинов Алишер Муҳамадович дар мавзӯи "Асосҳои педагогии ташаккули фарҳанги экологии омӯзгорони ояндаи технология (таълими меҳнат)", ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.08 - Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (илмҳои педагогӣ) (13.00.08.04 – Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ)**

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ оид ба масъалаҳои соҳаи маориф чунин қайд кардаанд: “Барои баланд бардоштани сифати таълиму тарбия моро зарур аст, ки дар тамоми зинаҳои таҳсилот, бахусус, дар зинаи таҳсилоти касбӣ, на ба шумора, балки ба сифати он диққати ҷиддӣ дода, мутахассисони ҷавобгӯи талаботи замони муосирро тарбия намоем”.

Нуқтаҳои зикргардида гувоҳи онанд, ки назари Ҳукумати Ҷумҳурӣ нисбат ба соҳаи маориф ва рушду нумӯи он дар мадди аввал қарор дошта, тайёр намудани кадрҳои баландихтисос ва ҷавобгӯ ба замони муосир яке аз ҳадафҳои аввалиндараҷаи соҳаи маориф ба ҳисоб меравад.

Автореферат бо назардошти талаботҳои ҷории Комиссияи Олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардида, он аз бахшҳои муқаддима, тавсифи умумии таҳқиқот, муҳтавои асосии диссертатсия, хулоса, номгӯи интишороти довталаби дараҷаи илмӣ ва аннотатсия таркиб ёфтааст.

Масъалаи ташаккули шахсияти дорои сатҳи баланди фарҳанги умумӣ ва экологӣ, ки аз қобилияти идрок ва амалигардонии ғояҳои таҳаввули якҷояи ҷамъияту табиат бархӯрдоранд, таҷдиди сифатии низоми таҳсилоти экологии ҷавононро пешбинӣ мекунад ва пеш аз ҳама, ба шахсияти омӯзгор, аз ҷумла омӯзгори технология марбут аст. Фарҳанги экологӣ тавассути шахсияти омӯзгор ба шуури насли наврас интиқол ёфта, ба ташаккули ҳувияти нави иҷтимоию табиии ҷамъият мусоидат мекунад.

Сохтори фарҳанги экологии омӯзгор ҳамчун ҷузъи фарҳанги умумӣ қисмҳои зеринро дар бар мегирад: маърифатӣ, меъёрӣ-арзишӣ, маънавию ахлоқӣ, эҳсосӣ-иродавӣ, фаъолиятӣ.

Фарҳанги экологии омӯзгорро метавон ҳамчун ҷузъи фарҳанги касбӣ ва педагогии ӯ баррасӣ кард. Дар маъхазҳои педагогӣ фарҳанги педагогӣ дар муддати тӯлонӣ аз ҷиҳати шуури муайян пешниҳод мешуд ва он ба шарҳи дақиқи илмӣ зарурат надошт. Мафҳуми «фарҳанги педагогӣ» ҳамчун тамоми меъёрҳо, қоидаҳои рафтор, муайян намудани одоби педагогӣ, техника ва маҳорати педагогӣ ва таълими педагогӣ фаҳмида мешуд.

Фарҳанги экологӣ комёбиҳои донишҳои экологӣ, технологияи аз лиҳози экологӣ матлуб ва тамоми низоми рафтори одамонро, ки ба ҳифзи шароитҳои табиии барои рушди пешравандаи ҷамъият зарурӣ нигаронида шудаанд, дар бар мегирад.

Дар автореферати диссертатсия он нуктаҳои илмие, ки пешниҳод шудаанд дар замони муосир навгонии илмӣ маҳсуб ёфта, чунин инъикос ёфтаанд: дар таҳқиқот аҳамият, сохтор ва мундариҷаи фарҳанги экологии омӯзгори ояндаи технология (таълими меҳнат) тавассути равишҳои фарҳангӣ ва аксиологӣ ошкор шудаанд, амсилаи раванди ташаккули фарҳанги экологӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ барои омӯзгорони ояндаи фанни технология (таълими меҳнат) дар раванди таълим пешниҳод карда шудааст, тавсифи илман асоснокшудаи ҷанбаи мундариҷавии фанни интихобии «Асосҳои ташаккули фарҳанги экологӣ» пешниҳод карда шудааст, меъёр ва нишондиҳандаҳои самаранокии раванди ташаккули фарҳанги экологӣ дар байни омӯзгорони ояндаи фанни технология (таълими меҳнат) муайян карда шуданд.

Ҳангоми иҷроиши супоришҳо донишҷӯён аз сарчашмаҳои гуногун: захираҳои экологии интернетӣ, лексияҳо, супоришҳои ташхисӣ ва инкишофдиҳандаи сатҳҳои гуногун, бозиҳо бо нақшҳои корӣ, захираҳои интернетӣ, рефератҳо ва ғайра истифода карданд.

Таҷриба аз нигоҳи педагогӣ асоснок карда шуда, ба ташаккули фарҳанги экологӣ дар омӯзгорони ояндаи технология нигаронида шудааст. Он ба таври кофӣ самарабахш буда, дар раванди ташаккули фарҳанги экологӣ дар омӯзгорони ояндаи технология (таълими меҳнат) метавонад васеъ истифода шавад.

Таҳқиқоти диссертатсионии Исматдинов Алишер Муҳамадович дар мавзӯи “Асосҳои педагогии ташаккули фарҳанги экологии омӯзгорони ояндаи технология (таълими меҳнат)” кори мустақил,

назариявӣ ва мукаммали илмӣ мебошад, ки муаллифи он сазовори додани унвони номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.08 - Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (илмҳои педагогӣ) (13.00.08.04 - Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ) сазовор мебошад.

Доктори илмҳои педагогӣ, доценти
кафедраи педагогика, равоншиносӣ ва
методикаи фани Донишгоҳи давлатии
Хоруғ ба номи М.Назаршоев — Булбулов Ҷумъа
10.04. соли 2023

Имзои доктори илмҳои педагогӣ
Булбулов Ҷумъа-ро *тасдиқ менамоям:*

Сардори РК, коргузорӣ ва КМ-и
Донишгоҳи давлатии Хоруғ
ба номи М.Назаршоев — Саидраҳмонов Насим

Суроға : 736000, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ВМКБ ш. Хоруғ, кӯчаи Ш.Шотемур 109.
E-mail: ksu.khorog@mail.ru
Тел.: (+992) 50 133 47 25